*УДК: 334*
*DOI: 10.24412/2411-1945-2023-2-114-122*

# *ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Турсунова Сарвархон Субҳоновна,***
*унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# *О НЕКОТОРЫХ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ОСНОВАХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН*

***Турсунова Сарвархон Субхоновна,***
*соискатель кафедры экономики предприятий и региона ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# *ON SOME THEORETICAL FOUNDATIONS OF DIGITAL ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Tursunova Sarvarkhon Subhonovna,*** *researcher of the Department of Economy of Enterprises and the Region of TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
*e-mail: tursunova.sarvarhon@mail.ru*

*Марҳилаи муосири ташаккули иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо иқтисодиёти рақамӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Истифодаи технологияҳои компютерӣ ва рақамӣ яке аз асосҳои калидии ташаккули сиёсати иқтисодии давлатҳои муосир ба шумор меравад. Дар замони муосир бо пешрафти илму техника иқтисоди ҷаҳонӣ низ бомаром тағйир меёбад. Аз ин ҷост, ки солҳои охир бо дарназардошти тағйирёбии авзои иқтисодию сиёсии ҷаҳон нақши технологияҳои муосир ва навгониҳои электронию рақамӣ дар идоракунии давлатӣ бештар меафзояд. Дар ҳамин асос, аз рӯи ақидаҳои назариявӣ муаммои таъмин ва амалишавии иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар мақола таҷрибаи амалишавии технологияҳои рақамӣ дар баъзе муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ нишон дода шудааст. Бо истифода аз андешаҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ хусусиятҳои илмӣ-назариявии татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, самтҳои такмили минбаъдаи он пешниҳод карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтисодиёт, давлат, рақамикунонӣ, амалишавӣ, сиёсат, иқтисодиёти рақамӣ*

*Современный этап развития мировой экономики имеет тесную связь с цифровой экономикой, ибо применение цифровых компьютерных технологий выступает как одна из ключевых основ развития экономической политики любого современного государства. С развитием науки и техники мировая экономика также неуклонно меняется. Поэтому в последние годы, с учетом меняющейся экономической и политической ситуации, в мире возрастает роль современных технологий и электронно-цифровых инноваций в государственном управлении. В этой связи с теоретической точки зрения изучены проблемы обеспечения и реализации цифровой экономики в Республике Таджикистан. Продемонстрирована практика реализации цифровых технологий в некоторых финансово-кредитных учреждениях. С использованием взглядов современных зарубежных и отечественных исследователей рассмотрены научно-теоретические особенности применения цифровой экономики в Республике Таджикистан и предложены пути их совершенствования.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, экономика, государство, цифровизация, реализация, политика, цифровая экономика*

*The modern period of the world economy development is closely connected with the digital economy as the application of digital computer technology has become the key factor of*

*economic policy development of any modern state. So, the latest years have seen the growth of advanced technology and electronic digital innovation in state management following the changing economic and political situation in the world. Given that, the article theoretically studies the ways of application of digital economy in the Republic of Tajikistan. It shows the experience of application of digital economy in some financial and credit institutions. Following the views of modern foreign and home scholars, the article reviews the scientific and theoretical specifics of application of digital economy in the Republic of Tajikistan, and recommends the ways of improvement.*

***Keywords***: *the republic of Tajikistan, economy, state, digital application, policy, digital economy*

Дар ҳама давру замон пешбурди давлат ва сиёсати давлатӣ аз иқтидори иқтисодии он вобастагии калон дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба масъалаи мазкур эътибори махсус медиҳад.

Дар адабиёти илмӣ дуруст андешаронӣ мешавад, ки: “Дар шароити муосир масъалаи ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳудудҳо бо назардошти истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва иқтисодӣ, ҳамчун омили рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии ҳудуд ба миён гузошта мешавад” [4, с.38].

Ба андешаи мо, дар шароити муосири ташаккули иқтисодиёти давлат дар самти мазкур нақши калидиро на танҳо истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва иқтисодӣ, балки татбиқи иқтисодиёти рақамӣ низ мебозад. Дар ҳамин асос, дар замони муосир яке аз равандҳое, ки ҷиҳати такмили иқтисодиёти давлат мақоми хоса дорад, ин рақамикунонии иқтисодиёт ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки технологияҳои иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ дар замони муосир ба ҳаёти инсон бетаъсир намемонад, дар аксар маврид он ба пешбурди зиндагии аҳолии олам мусоидат менамояд.

Агар ба маълумотҳои оморӣ назар андозем, мувофиқи арзёбии Индекси ҷаҳонии инноватсионӣ (The Global Innovation Index, GII) соли 2022 Тоҷикистон аз рӯи сатҳи таъсири технологияҳои рақамӣ дар байни 139 кишвари дунё ҷойи 104-умро ишғол намудааст. Дар муқоиса бо арзёбии соли 2021 Тоҷикистон аз ҷойи 103 як зина паст фаромада, бо ҷои 104 дар байни давлатҳои Осиёи Миёна дар мақоми охирин қарор гирифтааст [11].

Дар қатори давлатҳои ҷаҳони муосир Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое маҳсуб меёбад, ки қадамҳои аввалини худро ба марҳилаи рушди иқтисодиёти рақамӣ гузошта истодааст.

Ин аст, ки бо мақсади вусъат бахшидан ба иқтисодиёти миллӣ ва дар сатҳи иқтисоди ҷаҳонӣ муаррифӣ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018 ва тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» ҳуҷҷати махсус - “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 тасдиқ гардид.

Тибқи Консепсияи мазкур дар ин самт тадбирҳои дахлдор андешида, бо дарназардошти равандҳои рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёти миллии мамлакат заминаҳои бунёдии ин падида фароҳам оварда шудааст [1].

Масалан, дар асоси талаботи ин санади зерқонунӣ ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру вилоятҳои мамлакат дастур дода шуд, ки барои дар амал татбиқ намудани мазмун ва муҳтавои Консепсияи мазкур тадбирҳои мушаххас андешанд.

Илова намудан бамаврид аст, ки дар замони муосир, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе мушкилоти соҳаи рақамикунонӣ, ба мисоли табодули рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, рушди самараноки низоми ягонаи давлатии хизматрасониҳои рақамӣ ва таъмини ҳамаҷонибаи хизматрасонии автоматикунонида дар ин соҳа мавҷуд мебошанд, ки танзими зарурирo тақозо менамоянд.

Дар ҳамин асос, бо мақсади дуруст муайян кардани муаммоҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва дар асоси он пешниҳоди андешаҳо оид ба истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар баъзе масъалаҳои назариявии иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки дар сарчашмаҳои муосири илмӣ оид ба мавқеъ ва ҳадафҳои асосии иқтисодиёти рақамӣ андешаҳои мухталиф мавҷуд мебошанд.

Ба эътиқоди коршиноси тоҷик А. Асоев, иқтисоди рақамӣ барои расидан ба рушди устувор ва, дар маҷмуъ, барои беҳбудии иҷтимоии кишвар афзалияти махсусро соҳиб аст. Ба андешаи мавсуф, яке аз омилҳои муҳимми муваффақият дар ин самт ин «рушди муштарак» ё «рушд тавассути иштироки васеи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор» мебошад. Азбаски он ба техникаи иттилоотӣ-коммуникатсионии рақамӣ асос ёфтааст, таъмини чунин рушд барои кишварҳои рӯбатараққӣ ва кишварҳое, ки дар ҳолати гузариш қарор доранд, дастрас аст [2].

Дар идомаи мулоҳизаи муҳаққиқи мазкур лозим ба таъкид аст, ки таҳти истилоҳи “иқтисоди рақамӣ” фаъолияти махсусгардонидашудаи соҳаи иқтисодиёт дар асоси истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ оид ба тиҷорати электронии рақамӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, тақвияти истеҳсолоти рақамӣ фаҳмида мешавад, ки амалишавии самараноки он ҷиҳати таъсиси модели нави идоракунии иқтисодии рақамӣ ва рушди минбаъдаи он ва, дар баробари ин, барои татбиқи навгониҳои рақамӣ дар истеҳсолот, ҷалби сармояи хориҷӣ, таҳкими тамоюли содиротӣ, тақвияти маҳсулоти воридотивазкунанда ва дарёфти роҳҳои хизматрасонии рақамӣ имкониятҳои лозимаро фароҳам меорад.

Чӣ тавре ки муҳаққиқони ватанӣ Исмоилов Ш.М., Хуҷамкулов Р.Б., Лутфуллоев М.Д. ироз медоранд, иқтисодиёти рақамӣ ба маънои васеъ истифодаи одии технологияҳои иттилоотиро дар истеҳсолот, идоракунии коммункатсияҳоро дар назар дорад [8, с.43].

Бояд тазаккур дод, ки амалишавии иқтисодиёти рақамӣ ҷабҳаҳои ба худ хосро доро аст, яъне, барои татбиқи самараноки он ҷалби бевоситаи намояндагони ҳамаи тарафҳои манфиатдор (мақомоти ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи илмию таҳсилотӣ, шарикони байналмилалӣ) зарур аст [1].

Ба андешаи мо, омилҳои мазкур метавонанд боиси роҳандозӣ намудани «инқилоби технологӣ» гарданд ва чуноне ки дар сарчашмаҳои илмӣ ироз мегардад, маҳз, ҳамкории самараноки намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи илмию таҳсилотӣ барои пешбурди иқтисодиёти давлат таъсири мусбат мерасонанд [5, 408].

Д.М. Азизқулов ироз медорад, ки иқтисодиёти рақамӣ низоми ягонаи фаъолияти иқтисодии тиҷоратӣ ва ҳамоҳангсозии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсонӣ ба шумор меравад [3]. Ба андешаи номбурда, онро ҳамчун иқтисодиёти бо технологияҳои инноватсионӣ алоқаманд асоснок намудан мумкин аст.

Рязанов В.Т. менависад, ки маҳз тавассути ташаккули илму техника сохтори иқтисодиёт дигаргун гардида, самтҳои амиқи меҳнат муайян ва шаклҳои нави иштиғол ба вуҷуд меоянд [15, с.63].

Мо андеша дорем, ки амалӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ бо истифода аз технологияҳои муосир метавонад ба пайдо гардидани рақобати устувор миёни

иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ (соҳибкорон ва ширкатҳои соҳибкорӣ) мусоидат намуда, бояд ҳамчун заминаи асосӣ ва ташаккули технологии иқтисодиёт эътироф шавад.

Лозим ба қайд аст, ки асоси пешбурди иқтисодиёти рақамӣ дар амал татбиқ намудани тамоми усулҳои технологияҳои инноватсионӣ бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ ба шумор меравад. Чӣ тавре ки муҳаққиқони соҳа иброз медоранд, сохтори иқтисодиёти рақамӣ аз се унсури асосӣ иборат аст:

- инфрасохтори иборат аз таъминоти барномавӣ, телекоммуникатсионӣ ва воситаҳои техникӣ;
- амалиётҳои кории электронӣ, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ ва ҳамоҳанг намудани ҳамкориҳои иштирокдорони муносибатҳои виртуалӣ амалӣ карда мешаванд;
- савдои электронӣ ва дастрас намудани молу амвол тавассути шабакаи интернетӣ, ки дар замони муосир хеле маъмул аст [7, с.148].

Ба андешаи олимони дигар, маҳз, истифодаи технологияҳои рақамӣ (алоқаи беноқил, зеҳни сунъӣ, сомонаҳои интернетӣ) метавонад ба 40% баланд гардидани маҳсулнокии меҳнат ва тиҷорат мусоидат намоянд [17].

А.А. Чуб иброз менамояд, ки рақамикунонии иқтисодиёт боиси ба миён омадани рақобатнокӣ дар корхонаҳо гардида, барои пешбурди иқтисодиёти маҳалҳо имконияти лозимаро фароҳам меорад [16, с.59].

Ба андешаи мо, самаранок ба роҳ мондани иқтисодиёти рақамӣ бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ ва шабакаҳои интернетӣ, иқтидори истеҳсолии корхонаҳоро дар минтақаҳои алоҳида афзоиш медиҳад ва боиси пайдо гардидани рақобати солим дар миёни корхонаҳо мегардад.

Олими ватанӣ Д.Д. Removed

Бо ҷонибдорӣ аз ақидаи мазкур мо андеша дорем, ки пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ бе коркард ва татбиқи барномаҳои мухталифи соҳаи иқтисодиёти рақамӣ номумкин аст.

Нисбати масъалаи мазкур, муҳаққиқи тоҷик А.А. Орипов андеша дорад, ки саросар ворид намудани технологияи рақамӣ ба таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатпазирии байналмилалии мамлакат мусоидат мекунад [14, с.71].

Рақобатпазирӣ ба андешаи мо, яке аз самтҳои асосии ташаккули соҳаи иқтисодиёт ба шумор рафта, роҳандозӣ намудани он тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ барои пешбурди ин соҳа имкониятҳои лозимаро фароҳам меорад.

Дар баробари ин, рақамикунонӣ, иброз намудааст А.Р. Ибодуллоев, ба фаъолияти самаранок ва устувори корхонаҳову ширкатҳои маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард [9, с.380].

Ба андешаи мо, падидаи мазкур яке аз маҳакҳои асосии пешбурди иқтисодиёти давлат ба шумор рафта, ҳамчун воситаи автоматикунонидашудаи муосир эътироф мешавад. Амалишавии он тавассути иштирокдорони муайян ва бо истифода аз воситаҳои техникии ба шабакаи интернетӣ пайваст роҳандозӣ карда мешавад.

Дар ҳамин асос, самаранок ба роҳ мондани амалишавии иқтисодиёти рақамиро ҳамчун “инқилоби техникӣ” эътироф намудан мумкин аст. Сохтори таркибии «инқилоби технологӣ» ин мавҷудияти низоми молиявии мустаҳкам, ба роҳ мондани мониторинги ин соҳа, ҳамоҳанг сохтани фаъолияти низоми ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи ҳамкорӣ дар бахши хусусӣ, ҷомеа ва шарикони рушд ба шумор меравад.

Дар навбати худ, қисми таркибии “инқилоби техникӣ” иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун воситаи техникӣ ва ё “барномаи миёнарав” тавассути пешниҳоди маълумот ё дастрас намудани он имконият медиҳад, ки талаботи муштариён ба таври фаврӣ қонеъ гардонида шавад. Бо ибораи дигар, тавассути барномаи мазкур ҳамкорӣ ва ташаккули самараноки ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад.

Рақамикунонӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш паҳн мегардад. Ин раванд бештар дар низоми бонкӣ ба назар мерасад.

Аз рӯи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон соли 2022 шумораи умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои молиявии қарзӣ 6329772 ададро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021 2795353 адад зиёд аст (44,1 %).

***Ҷадвали 1.***

***Воситаҳои пардохтҳои электронии ташкилотҳои молиявӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| **Нишондиҳандаҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ҳамёнҳои элетронӣ, ҳаз. адад | 23,7 | 345,7 | 1708,5 | 3534,4 | 6329,7 |
| Шумораи амалиётҳо бо ҳамёнҳои электронӣ, ҳаз. адад | 52 | 1864 | 10693 | 10754 | 13427 |
| Ҳаҷми амалиётҳо бо ҳамёнҳои электронӣ, млн. сомонӣ | 2 | 102 | 543 | 884 | 1615,2 |

***Сарчашма:*** *https://nbt.tj/ru/payment_system/mablaghoi-elektroni.php*

Аз маълумоти ҷадвали 1 аён аст, ки дар давоми соли 2022 бо воситаи ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои молиявии қарзӣ 13,4 млн. амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 1615,2 млн. сомонӣ гузаронида шуд, ки нисбат ба соли 2021 мутобиқан 19,9 % ва 45,2 % зиёд аст [18].

Хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ ба мизоҷони худ ба воситаи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ба таври васеъ паҳн шуда истодаанд. Афзоиши шумораи пардохтҳои электронию ғайринақдӣ бо истифодаи кортҳо бо воситаи банкоматҳо ва телефонҳои мобилӣ, бо рушди шумораи амалиётҳо оид ба пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, хизматрасониҳои мобилӣ, интернет-провайдерҳо, телевизионҳои кабелӣ, нуқтаҳои таъмини сӯзишвории автомобилӣ ва ғайра вобаста аст.

Мувофиқи маълумоти Департаменти пешбарии рушди тиҷорати ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» соли 2022 дар ихтиёри мизоҷони онҳо 97825 адад кортҳои пластикӣ мавҷуд буд. Соли 2016 ин нишондиҳанда 1078 ададро ташкил карда буд, яъне, нишондиҳандаҳои соли 2022 нисбат ба соли 2016 90,7 маротиба афзудааст (ҷадв. 2).

***Ҷадвали 2.***

***Рақамикунонии низомҳои пардохт тавассути кортҳо дар ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЕЛ»***

*ҳаз. адад*

| Нишондиҳандаҳо | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи кортҳои фаъол | 10,7 | 18,8 | 25,6 | 33,3 | 56,6 | 72,6 | 97,8 |
| Шумораи амалиёт бо кортҳо | 383,6 | 705,8 | 650,3 | 764,1 | 1111,8 | 609,3 | 1461,1 |
| Шумораи кортҳое, ки бо бонк (телефон)-и мобилӣ пайваст | 10,7 | 18,8 | 25,6 | 33,3 | 56,6 | 72,6 | 97,8 |
| Шумораи истифодабарандагони онлайн-банкинг | 3,2 | 5,7 | 7,7 | 10,1 | 17,1 | 22,0 | 30,0 |

***Сарчашма:*** *маълумоти Департаменти пешбарии рушди тиҷорати ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»*

Дар байни дигар намудҳои пардохти чакана пардохтҳои электронӣ мавқеи муайянро ишғол мекунанд. Ба инкишофи бемайлони пардохтҳои электронӣ ва рушди мунтазами нишондиҳандаҳои он нигоҳ накарда, қайд намудан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон кортҳои пластикӣ то ҳол воситаи асосии пардохт барои хариди молу хизматрасониҳо нашудааст ва дар зиёда аз 95% барои гирифтани пули нақд истифода бурда мешавад. Масалан, соли 2022 мизоҷони ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» ба маблағи 1059,9 млн. сомонӣ пули нақд гирифтаанд, дар ҳоле ки амалиётҳо оид ба пардохти мол ва хизматрасониҳо дар ҳамин давра 6,6 млн. сомониро ташкил кард. Ба ин ҳолат нигоҳ накарда, баъзе аз коршиносони бозори бонкии кортҳои пластикӣ пардохтҳои электрониро яке аз самтҳои ояндадори рушди хизматрасониҳои бонкӣ барои аҳолӣ мешуморанд.

Таҷрибаи фаъолияти ҶСП "Бонки Арванд" нишон медиҳад, ки аз соли 2022 дар барномаи мобилии ин ташкилот навгоние ҷорӣ карда шуд, ки тавассути он муштарӣ метавонад дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби ҳамёни электронии худ маблағи муайянро интиқол ё нақд намояд. Барномаи мазкур тавассути такмил додани низоми функсионалии замимаи "Арванд" бо терминали пардохти "Cash In/Cash Out" амалӣ карда шуд [12]. Дар баробари ин, коркарди чунин барномаи мобилии бонкӣ ба муштариён имконият медиҳад, то ки дар муҳлатҳои кӯтоҳ аз хизматрасониҳои бонкӣ бемамониат истифода намоянд.

Ҳамазамон, дар фаъолияти ҶСК "Бонки Эсхата" низ вобаста ба пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ барои ҷоннок намудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ бахши «Амонатҳо» дар замимаи мобилии Eskhata Online роҳандозӣ карда шуд, ки тавассути он муштариёни бонк метавонанд намудҳои гуногуни пасандозҳоро тавассути телефонҳои мобилии худ интихоб намоянд [13].

Барномаи мазкур ҳамчунин ба муштариёни ҶСК "Бонки Эсхата" имконият фароҳам овард, то ки онҳо дар муҳлатҳои хеле кӯтоҳ оид ба хизматрасониҳои бонки мазкур иттилооти лозимаро дастрас намоянд.

Аз ин гуфтаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ташкилоти номбурда рақамикунонии фаъолиятро ҳамчун яке аз самтҳои асосии такмил додани сохтори худ интихоб намуда, онро тавассути роҳандозӣ намудани рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ амалӣ карда истодааст.

Иловатан, ҷорӣ гардидани корти нақлиётии «City card» дар нақлиёти мусофиркашонии кишвар, гузариш ба савдо ва хизматрасониҳои интернетии гуногун (ба мисоли alif mobi, Dushanbe City), роҳандозӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, пардохтҳои андозию гумрукӣ ва ҳоказо мисоли барҷастаи ин гуфтаҳоянд. Аммо дар самти амалӣ намудани ин гуна хизматрасониҳои муосири рақамӣ мушкилиҳои мухталифе мавҷуданд, ки таҳлили ҳамаҷонибаро талаб менамоянд.

Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳолии кишвар дастрас набудани мавҷи лозимаи Интернет, нисбатан гарон будани хизматрасониҳои он, дар маҳалҳо сари вақт роҳандозӣ нашудани чораҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба савдои электронӣ, самаранок ба роҳ монда нашудани сомонаҳои расмии корхонаҳо аз ҷумлаи муаммоҳои асосии соҳаи мазкур ба шумор мераванд.

Ҳамзамон, ногуфта намонад, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи саноат низ хеле саривақтӣ аст, зеро татбиқи самараноки усулҳои технологӣ ва инноватсионӣ дар як вақт боиси пешбурди соҳаи саноат шуда метавонад. Аммо, ба андешаи мо, омили мазкур дар он сурате амалӣ мегардад, ки агар дар қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ усулҳои муосири рақамикунонӣ самаранок ба роҳ монда шаванд. Боиси таассуф аст, ки муаммои мазкур дар Тоҷикистон ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст.

Назаре меандозем ба таҷрибаи ҷаҳонӣ.

Таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки маҳз иқтисодиёти рақамӣ ба рушди давлатҳои ҷаҳонӣ мусоидат намуда, барои расидан ба инқилоби чоруми саноатӣ имконияти лозимаро фароҳам оварда истодааст.

Масалан, дар Стратегияи рақамии Британияи Кабир (UK Digital Strategy 2017), ки 1 марти соли 2017 қабул шудааст, ҳафт самти асосии ташаккули инфрасохтори рақамӣ қайд

гардидааст, ки мақсади асосии он мусоидат намудан ба дастрасии тамоми маълумотҳои рақамӣ ба аҳолӣ, таъмин намудани шароити беҳтари тиҷорат тавассути Интернет-сомонаҳо, кӯмак барои пешбурди тиҷорат, амнияти иттилоотӣ ва ғайра ба шумор меравад [10].

Илова намудан бамаврид аст, ки дар муҳити рақамикунонии иқтисодиёт ташкили кор бо занҷираи махсус давра ба давра тағйир ёфта, таҳлили маълумотҳои гуногун, ба нақшагирии онҳо дар соҳаи истеҳсолот тавассути ба роҳ мондани технологияҳои муосири инноватсионӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин раванд, бо пайдо гардидани воситаҳои муосири технологияҳои компютерӣ, ҳамкории мутақобилаи иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ муназзам ба роҳ монда шуда, фаъолияти истеҳсолии онҳо тавассути рақамикунонии барномаҳо ва ё иттилоот амалӣ карда мешавад.

Илова бар ин, рақамикунонӣ имконияти мушаххас гардонидани вазифа ва мақсадҳои муассисаҳоро тавассути созмон додани шуъбаҳои алоҳида (шуъбаи иттилоотӣ, шуъбаи коркарди иттилооти электронӣ) ба миён меорад. Дар навбати худ, рақамикунонӣ дар замони муосир соҳаи пешбари фаъолияти иқтисодӣ буда, он боиси ташаккул ёфтани самтҳои алоҳидаи фаъолияти корхона дар минтақа шуда метавонад. Натиҷае, ки тавассути рақамикунонӣ ба даст оварда мешавад, ба андешаи мо, аз маҳорати касбии шахсони масъуле, ки бо коркарди иттилоот машғул мебошанд, вобастагии калон дорад.

Амалияи роҳандозӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки имрӯзҳо дар бархе аз вазорату идораҳои мамлакат барномаю лоиҳаҳое, ки ба рушди рақамикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва ба густариши ҳукумати электронӣ нигаронида шудаанд, татбиқ мегарданд.

Ба ҳамин тариқ, “иқтисоди рақамӣ” фаъолияти махсуси иқтисодӣ буда, он тавассути истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ дар соҳаи тиҷорати электронӣ, хизматрасониҳои рақамӣ ва ба мақсади тақвият бахшидани иқтисодиёти давлат ва ҷамъият истифода бурда мешавад.

Баррасии масъалаи мазкур ба пешниҳоди чунин хулосаҳо имкон медиҳад:

1. Андеша дорем, ки падидаи мазкурро ҳамчун модели нави идоракунии иқтисоди рақамӣ эътироф бояд намуд, ки рушди минбаъдаи он барои татбиқ намудани навгониҳои рақамӣ дар истеҳсолот, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, таҳкими тамоюли содиротӣ, тақвияи маҳсулоти воридотивазкунанда ва дарёфти роҳҳои хизматрасонии рақамӣ имкониятҳои лозимаро фароҳам меорад. Ҷорӣ гардидани технологияҳои муосири рақамӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун воситаи асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва таконбахши рақобатнокии байналмилалии кишвар арзёбӣ гардад.

2. Ба назари мо, яке аз воситаҳои асосии таъмини дастрасии аҳолӣ ба иқтисодиёти рақамӣ паст намудани арзиши хизматрасониҳои шабакаҳои Интернет мебошад.

3. Рақамикунонии иқтисодиёт дар Тоҷикистони муосир яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки соҳаи иқтисодиёт эътироф карда, барои ташаккули минбаъдаи он бояд тадбирҳои зерин амалӣ гардонида шаванд:

- таҳия ва қабули низоми ягонаи қонунгузории миллӣ дар соҳаи иқтисодиёти рақамӣ;
- ба роҳ мондани маблағгузории давлатии иқтисоди рақамӣ ва сиёсати ҳуқуқии андоз.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019. [Матн]: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқӣ. Дастрас аз www.adlia.tj/index.html. (санаи муроҷиат: 15.09.2022).*
2. *Асоев А. Таджикистан на пути цифровой экономики [Матн]: Махзани электронӣ. Дастрас аз: https://avesta.tj/2021/12/02/tadzhikistan-na-puti-k-tsifrovoj-ekonomike/ (санаи муроҷиат: 15.09.2022).*
3. *Азизкулов Д.М. Цифровая экономика: понятие, особенности и перспективы на российском рынке / Д.М. Азизкулов // Вектор экономики. - 2018. - № 3 (21). - С 62-72.*

*[Махзани электронӣ]. Режим доступа: URL: https:// elibrary. ru/ download/ elibrary_32751051_13924538.pdf (санаи муроҷиат: 05.09.2022).*

4. *Бойматов А.А., Ҳайдарова М.Ҳ. Сиёсати идоракунии давлатӣ дар низоми иқтисоди бозории минтақа / А.А. Бойматов, М.Ҳ. Ҳайдарова // Ахбори ДДҲБСТ. - 2020. - № 4 (85). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/siyosati-idorakunii-davlati-dar-nizomi-itstisodi-bozorii-mintatsa (санаи муроҷиат: 30.08.2022). – С.37-41.*
5. *Бабкин А.В., Чистякова О.В. Цифровая экономика и ее влияние наконкуренто-способность предпринимательских структур / А.В. Бабкин, О.В. Чистякова // Российское предпринимательство. - 2017. Т. 18. - № 24. - С. 408-410.*
6. *Бабаджанов Д.Д. Некоторые вопросы цифровизации экономики в Республике Таджикистан / Д.Д. Бабаджанов // Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: ҳолат ва дурнамо. - Хуҷанд: Дабир, 2021. (25-28). – 476 с.*
7. *Василенко Н.В. Цифровая экономика: концепции и реальность: Инновационные кластеры в цифровой экономике: теория и практика: труды научно-практической конференции с международным участием 17-22 мая 2017 года / под ред. д-ра экон. наук, проф. А. В. Бабкина / Н.В. Василенко. – Санкт-Петербург: Изд-во Политех. ун-та, 2017. - С. 147-151.*
8. *Исмоилов Ш.М., Худжамкулов Р.Б., Лутфуллоев М.Д. Перспективы развития цифровой экономики в условиях Республики Таджикистан / Ш.М. Исмоилов, Р.Б. Худжамкулов, М.Д. Лутфуллоев // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. - 2020. - №3 (84). - С.41-46.*
9. *Ибодуллоев А.Р. Особенности проблемы цифровой экономики в странах Центральной Азии / А.Р. Ибодуллоев // Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: ҳолат ва дурнамо. – Хуҷанд: Дабир, 2021. - С. 377-380*
10. *Кудбиев Ш. Д. Зарубежный опыт стимулирования рынка труда в условиях цифровой трансформации / Ш. Д. Кудбиев / International scientific review. - 2019. - №LXVII. URL: ttps://cyberleninka.ru/article/n/zarubezhnyy-opyt-stimulirovaniya-rynka-truda-v-usloviyah-tsifrovoy-transformatsii (дата обращения: 14.02.2023).*
11. *Махзани электронӣ https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20221004/tadzhikistan-sdal-pozitsii-v-mirovom-reitinge-innovatsionnogo-razvitiya (санаи муроҷиат: 06.02.2023).*
12. *Махзани электронӣ: сомонаи асосии Бонки Арванд. [Матн]: ttps://www.arvand.tj/pr/press-relizy/cash-out (санаи муроҷиат: 13.03.2023).*
13. *Махзани электронӣ: сомонаи асосии Бонки Эсхата. [Матн]: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20210820/press-reliz-bank-eshata-uprostil-onlain-otkritie-vkladov (санаи муроҷиат: 14.03.2023)*
14. *Орипов А.А. Роль цифровой экономики в социально-экономическом развитии Таджикистана / А.А. Орипов // Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: ҳолат ва дурнамо. - Хуҷанд: Дабир, 2021. (71-75) - 476 с.*
15. *Рязанов, В. Т. Технологический детерминизм и экономическое развитие: что дальше? / В. Т. Рязанов // Экономическое возрождение России. - 2019. - № 2. - С. 62-68.*
16. *Чуб А. А. Использование процессов цифровизации в целях развития российских регионов / А. А. Чуб // Теоретическая экономика. – 2019. – № 2 (50). – С. 58–61.*
17. *WEF (2018a). Digital Transformation Initiative. Unlocking $100 Trillion for Business and Society from Digital Transformation. Executive summary. P. 12. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://reports.weforum.org/digital-transformation/wpcontent/blogs.dir/94/mp/files/pages/files/dti-executive-summary-20180510.pdf - (санаи муроҷиат: 30.08.2022).*
18. *Махзани электронӣ. [Матн]: Дастрас аз: https://nbt.tj/ru/payment_system/mablaghoi-elektroni.php - (санаи муроҷиат: 01.04.2023).*

**REFERENCES:**

1. *Digital economy concept in Tajikistan. Decision of the Republic of Tajikistan dated 30 December, 2019. Cited at www.adlia.tj/index.html. (date: 09/15/2022).*

2. *Asoev A. Tajikistan on the way of digital economy. [text]: electronic source. Cited at: https://avesta.tj/2021/12/02/tadzhikistan-na-puti-k-tsifrovoj-ekonomike/ (date: 09/15/2022).*
3. *Azizkulov D.M. Digital economy: concept, features and prospects in the Russian market / D.M. Azizkulov // Vector of the economy. - 2018. - No. 3 (21). - From 62-72. [electronic source]. Access mode: URL: https:// elibrary. ru/ download/ elibrary_32751051_13924538.pdf (date: 09/05/2022).*
4. *Boimatov A.A., Khaidarova M.H. state management policy in the economic market of the region / A.A. Boymatov, M.H. Haidarova // Bulletin of TSULBP. - 2020. - No. 4 (85). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/siyosati-idorakunii-davlati-dar-nizomi-itstisodi-bozorii-mintatsa (date: 08/30/2022). - P.37-41.*
5. *Babkin A.V., Chistyakova O.V. Digital economy and its impact on the competitiveness of entrepreneurial structures / A.V. Babkin, O.V. Chistyakova // Russian Entrepreneurship. - 2017. V. 18. - No. 24. - S. 408-410.*
6. *Babadzhanov D.D. Some issues of digitalization of the economy in the Republic of Tajikistan / D.D. Babadzhanov // cooperation of the republic of Tajikistan in digitalization of economy condition: situation and perspective. - Khujand: Dabir, 2021. (25-28). – 476 p.*
7. *Vasilenko N.V. Digital Economy: Concepts and Reality: Innovative Clusters in the Digital Economy: Theory and Practice: Proceedings of the Scientific and Practical Conference with International Participation May 17-22, 2017 / ed. Dr. Econ. sciences, prof. A. V. Babkina / N.V. Vasilenko. - St. Petersburg: Polytech University Publishing House. 2017. - p. 147-151.*
8. *Ismoilov Sh.M., Khujamkulov R.B., Lutfulloev M.D. Prospects for the development of the digital economy in the conditions of the Republic of Tajikistan / Sh.M. Ismoilov, R.B. Khudzhamkulov, M.D. Lutfulloev // Bulletin of TSULBP. Social Sciences Series. - 2020. - No. 3 (84). - P.41-46.*
9. *Ibodulloev A.R. Features of the problem of the digital economy in the countries of Central Asia / A.R. Ibodulloev. Cooperation of the republic of Tajikistan in digitalization of economy condition: situation and perspective. - Khujand: Dabir, 2021. - S. 377-380*
10. *Kudbiev Sh. D. Foreign experience in stimulating the labor market in the context of digital transformation / Sh. D. Kudbiev / International scientific review. - 2019. - №LXVII. URL: ttps://cyberleninka.ru/article/n/zarubezhnyy-opyt-stimulirovaniya-rynka-truda-v-usloviyah-tsifrovoy-transformatsii (Date of access: 02/14/2023).*
11. *Electronic source at https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20221004/tadzhikistan-sdal-pozitsii-v-mirovom-reitinge-innovatsionnogo-razvitiya (date: 06.02.2023).*
12. *Electronic source at: Arvand bank webpage. [Matn]: ttps://www.arvand.tj/pr/press-relizy/cash-out (date: 13.03.2023).*
13. *Electronic source at: Eskhate bank webpage. [Matn]: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20210820/press-reliz-bank-eshata-uprostil-onlain-otkritie-vkladov (date: 03/14/2023)*
14. *Oripov A.A. The role of the digital economy in the socio-economic development of Tajikistan / A.A. Oripov // Cooperation of the republic of Tajikistan in digitalization of economy condition: situation and perspective. - Khujand: Dabir, 2021. (71-75) - 476 p.*
15. *Ryazanov, V. T. Technological determinism and economic development: what's next? / V. T. Ryazanov // Economic revival of Russia. - 2019. - No. 2. - S. 62-68.*
16. *Chub A. A. The use of digitalization processes for the development of Russian regions / A. A. Chub // Theoretical Economics. - 2019. - No. 2 (50). – P. 58–61.*
17. *WEF (2018a). Digital Transformation Initiative. Unlocking $100 Trillion for Business and Society from Digital Transformation. executive summary. P. 12. [Electronic resource]. Access mode: http://reports.weforum.org/digital-transformation/wpcontent/blogs.dir/94/mp/files/pages/files/dti-executive-summary-20180510.pdf - (sanai murojiat: 08/30/2022 ).*
18. *Electronic source at. [text]: https://nbt.tj/ru/payment_system/mablaghoi-elektroni.php - (date: 04/01/2023).*